ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ХАДАМОТИ НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ САНИТАРИЮ ЭПИДЕМИОЛОГӢ

# ТАРТИБИ ТАШКИЛИ КОРҲОИ ПЕШГИРИКУНАНДА ВА ТАВСИЯҲО ОИД БА ХАТАРИ ПАҲНШАВИИ БЕМОРИИ СИРОЯТИИ COVID-19 ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ

Душанбе - 2020

# ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734025, ш. Душанбе, к. Шевченко, 69, Тел. (372) 221-18-35 Факс (372) 222-55-07

## ФАРМОИШ

аз «04» 08 соли 2020, №585 шаҳри Душанбе

**Дар бораи тасдиқи Тартиби ташкили корҳои пешгирикунанда ва тавсияҳо оид ба хатари паҳншавии бемории сироятии COVID-19 дар муассисаҳои таълимӣ**

**190.010.090.**

Мутобиқи моддаи 111 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 10 Низомномаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №148 тасдиқ шудааст, бо мақсади андешидани чораҳои қатъии пешгирикунанда ва зиддиэпидемикӣ, инчунин ҳимояи фардии шаҳрвандон дар шароити пайдоиш ва паҳншавии бемориҳое, ки барои инсон хавфнок аст,

## ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Тартиби ташкили корҳои пешгирикунанда ва тавсияҳо оид ба хатари паҳншавии бемории сироятии COVID-19 дар муассисаҳои таълимӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Сардорони воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказӣ, раёсатҳои тандурустии Вилояти Мухтори Кӯҳистони

Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе, сардорони хадамотҳо, инчунин дигар роҳбарони ташкилотҳои соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ иҷрои тартиби мазкурро таъмин намоянд.

3. Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ:

- амалӣ намудани тартиби тасдиқгардидаро зери назорати қатъӣ гирад;

- фармоиши мазкурро тибқи тартиби муқарраршуда барои санҷиш ва бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд;

- дастрасии фармоиши мазкурро ба сохторҳои соҳаи тандурустӣ ва дигар вазорату идораҳои дахлдор таъмин намояд.

4. Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии ташаккули тарзи ҳаёти солим" доир ба фармоиши мазкур тариқи воситаҳои ахбори омма корҳои фаҳмондадиҳиро гузаронад.

5. Фармоиши мазкур баъд аз санҷиш, бақайдгирӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

6. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якум ва муовинони вазир вогузор карда шавад.

Вазир [signature] Ҷамолиддин Абдуллозода

...ЗОРАТИ А... ...ИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶ...ИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТ...
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1029
"4" 08 с.2020

Тасдиқ шудааст,
бо фармоиши вазири тандурустӣ
ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «__» ___08___ соли 2020, № 585

# Тартиби ташкили корҳои пешгирикунанда ва тавсияҳо оид ба хатари паҳншавии бемории сироятии COVID-19 дар муассисаҳои таълимӣ

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби ташкили корҳои пешгирикунанда ва тавсияҳо оид ба хатари паҳншавии бемории сироятии COVID-19 дар муассисаҳои таълимӣ (минбаъд - Тартиб) ташкили корҳои пешгирикунанда ва тавсияҳоро оид ба хатари паҳншавии бемории сироятии COVID-19 дар муассисаҳои таълимии давлатӣ ва ғайридавлатӣ, новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идоравӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ муайян менамояд.

2. Қабл аз кушодашавӣ ва оғози кор дар муассисаҳои таълимӣ мутобиқи реҷаи назоратӣ нисбат ба вирусҳо, бояд тозакунӣ ва безараргардонии умумии биноҳо бо истифода аз воситаҳо ва маҳлулҳои безараргардонӣ гузаронида мешавад. Роҳбарияти муассисаи таълимӣ баъд аз анҷоми корҳои безараргардонӣ маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологии ҳудудиро огоҳ менамояд.

3. Дар асоси риояи фосилаи иҷтимоӣ (1,5 метр) дар синфхонаҳои таълимӣ, вобаста ба масоҳати он ҷойгиркунонии мизу курсиҳо (на кам аз 1 метр байни онҳо) ба инобат гирифта шавад.

4. Якҷоя кардани хонандагон ва тарбиятгирандагони синфхонаҳои гуногун ба як гурӯҳи рӯзи бардавом аз байн бурда шавад ва ба ташкили гурӯҳҳои «навбатдори бегоҳӣ» роҳ дода нашавад.

5. Ба таври қатъӣ (ҳар як синфхона) бо дар назар доштани ташкили омӯзиши фаннӣ як синфхона ба ҳар як гурӯҳ ҷудо карда шавад.

6. Муоширати ҳамдигарии хонандагон ва тарбиятгирандагони синфҳои гуногун ҳангоми танаффус ва гаштугузор ба қадри имкон маҳдуд карда шавад.

7. Ҳангоми вуҷуд доштани имконият шумораи хонандагон ва тарбиятгирандагон дар синфхона кам карда шавад. Қабули хонандагон ва тарбиятгирандагон танҳо бо маълумотномаи тиббии табиби кӯдаконаи минтақавӣ амалӣ карда шавад.

8. Гузаронидани чорабиниҳои оммавӣ бе риояи фосилаи иҷтимоӣ манъ карда шавад.

9. Ташкили ҳуҷраи тиббиро (бо дар назар доштани корманди миёнаи тиб ё табиби кӯдакона, маводи доруворӣ ва безараргардонӣ) дар ҳар як муассисаи таълимӣ роҳбарияти муассиса таъмин менамояд.

10. Дар даромадгоҳи бинои муассисаи таълимӣ монеаҷойҳои безараргардонӣ ташкил карда, дар болои миз зарфҳо бо маҳлулҳои зиддиуфунӣ барои безараргардонӣ гузошта шаванд.

11. Ҳамарӯза гузаронидани «назорати субҳгоҳӣ ё санҷиши пагоҳирӯзӣ» бо санҷиши ҳатмии ҳарорати бадан (ин амалро бидуни тамос анҷом додан мувофиқи мақсад аст) бо мақсади ошкор кардани нишонаҳои бемориҳои роҳҳои нафаскашӣ дар хонандагон ташкил карда шавад. Воридшавии падарону модарон ва шахсони ҳамроҳикунандаи хонандагон ва тарбиятгирандагон ба муассисаҳои таълимӣ манъ карда шавад. Ҳангоми гузаронидани «назорати субҳгоҳӣ» дар як ҷой ҷамъшавии кӯдакон ва падару модарони онҳо роҳ дода нашавад.

12. Реҷаи соатҳои кории муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла ҷадвали дарсҳои таълимӣ бо тағйир додани вақти оғози дарси (машғулияти) аввал барои синфҳои гуногун ва тағйири вақти танаффус бо мақсади истисноӣ тамос байни онҳо аз нав дида баромада шавад.

13. То ҳозир шудани падарону модарон ё ёрии таъҷилии тиббӣ фавран ҷудо кардани хонандагон ва тарбиятгирандагон бо нишонаҳои бемориҳои роҳҳои нафаскашӣ таъмин карда шавад.

14. Бо дар назар доштани шароити обу ҳаво ба қадри имкон гузаронидани машғулиятҳо бо кӯдакон дар ҳавои кушод ташкил карда шавад. Миқдори машғулиятҳоро дар толори варзишӣ кам карда, барои тарбияи ҷисмонӣ майдончаи берунии варзиширо истифода намудан мувофиқи мақсад аст.

15. Гузаронидани корҳои бесироятгардонӣ мунтазами бино дар вақти танаффус ва дар анҷоми кор (безараргардонии сатҳи корӣ, фаршҳо, дастакҳои дарҳо, тирезаҳо, дастқапакҳои поймонаку зинапояҳо, ҳуҷраҳои хӯроκхӯрӣ,васлакҳо ва тугмачаҳои барқӣ, мебел, ҳоҷатхонаҳо, ҷумаку обкушоякҳо, дастаки сатили оби нишастгоҳи ҳоҷатхона ва ғайра) таъмин карда шавад. Воситаҳо ва маводи безараргардониро тибқи дастури истеҳсолкунанда дар мувофиқат бо тамаркузии он барои сироятҳои вирусӣ истифода бурдан лозим аст.

16. Бесироятгардонии фазои ҳуҷраҳоро тавассути дастгоҳҳои безараргардонии ҳаво таъмин кардан лозим аст (толору долонҳо ҳангоми дарсхонӣ ва синфхонаю ҳуҷраҳо баъд аз танаффусҳо ва анҷоми дарсҳо). Барои бесироятгардонии фазои ҳуҷраҳо ва ҳавои гирду атрофи ҳудуди ҷойгиршавии бемор бо истифода аз дастгоҳҳои афканишотии (шуъодиҳии ултрабунафш) ҳоилонӣ ва ё бактериокӯш тавсия дода мешавад. Дастгоҳи мазкур бояд тибқи тартиби дастурамали он истифода карда шавад. Ҳангоми истифодабарии чунин дастгоҳҳо ҳавоивазнамоии хуб (на кам аз 10-15 дақиқа) бояд таъмин карда шавад.

17. Ҳангоми танаффус баъди анҷоми ҳар соати дарсӣ, дар набудани хонандагон ва тарибиятгирандагон ҳаводиҳӣ ва ҳавоивазнамоии синфхонаҳо, долонҳо, толорҳои

варзишӣ ва ҳуҷраҳои машғулияти хонандагон ва тарбиятгирандагон гузаронида шавад.

18. Назорати зарурии хонандагон доир ба риояи чораҳои пешгирикунанда таъмин карда шавад.

19. Барои ташкил намудани омӯзиши фосилавӣ чораҳои зарурӣ андешида шавад.

20. Коркарди мизҳои хӯрокхӯрӣ то оғози истеъмоли ғизо ва баъд аз он бо истифода аз маводи шустушӯӣ ва безараргардонӣ ба роҳ монда шавад.

21. Нақшаи фаврии чораандешӣ ҳангоми мавқуф гузоштани ҷараёни таҳсил дар муассисаи таълимӣ омода карда шавад.

22 Пас аз ҳар як истифодаи зарфҳои чойнӯшӣ ва хӯрокхӯрӣ онҳоро дар маҳлули дезинфексионӣ безарар гардонида, баъд аз он тоза шуста хушк кардан лозим аст. Коркарди зарфҳои хӯрокхӯрӣ ва лавозимотҳо бо маводи дезинфексионӣ мувофиқи дастур оид ба истифодабарии он ё реҷаи истеъмоли ғизо ва нӯшидани нӯшокиҳо барои кӯдакон бо истифодаи зарфҳои яккарата истифодашаванда ташкил карда шавад.

23. Кормандони ошхонаи муассисаи таълимӣ бояд ҳамеша аз воситаҳои муҳофизатии шахсӣ (ниқобҳо ва дастпӯшакҳо) истифода намоянд.

24. Реҷаи таъминоти оби нӯшокиро дар муассисаи таълимӣ таҳти назорати ҷиддӣ гирифтан лозим аст. Ба ҳаҷми об дар зарфҳои махсус ва кулерҳо, дастрасии зарфҳои яккаратаи обнӯшӣ диққати махсус дода шавад.

25. Дастрасии доимии коғази ташнобӣ ва собун дар ҳаммом ва ҳоҷатхона барои кӯдакон ва кормандон таъмин гардида, маҳлули зиддиуфунӣ барои безарар гардонидани дастҳо насб карда шавад.

26. Дар гӯшаҳои беҳдоштӣ, ҳоҷатхона, ҷойҳои дастшӯиро ҳангоми набудани хати қубурии обгузар бо зарфҳои обгир ва ҳангоми обатъминкунии мутамарказ қубури обрасон бо ҷумакҳо таъмин карда, собун ва маҳлулҳои зиддиуфунӣ гузошта шаванд.

27. Корҳои фаҳмондадиҳӣ аз ҷониби омӯзгорон оид ба тарбияи гигиении хонандагон, тарбиятгирандагон ва падару модарони онҳо пурзӯр карда шаванд. Риоя кардани қоидаҳои гигиенаи шахсии хонандагон ва кормандон зери назорати қатъии шахси масъулиятноки аз ҷониби роҳбарият таъиншуда гирифта шавад.

28. Ҳамарӯза, эҳтиёткорона бо усули нарм тозакунии ҳуҷраҳо, коркарди дукаратаи тамоми сатҳҳо ва паҳноҷойҳо бояд бо истифода аз маводи дезинфексионӣ таъмин карда шавад.

29. Рӯбучини умумӣ на камтар аз ду маротиба дар як ҳафта бояд гузаронида шавад.

## 2. ТАВСИЯҲО ОИД БА ГУЗАРОНИДАНИ ИМТИҲОНҲО ВА АТТЕСТАТСИЯИ НИҲОӢ ҶИҲАТИ ПЕШГИРИИ ХАТАРИ ПАҲНШАВИИ БЕМОРИИ СИРОЯТИИ COVID-19

30 Қабл аз оғоз ва пас аз анҷоми мавсими имтиҳонсупорӣ тибқи реҷаи назорат бар зидди вирусҳо бояд тозакунӣ ва безараргардонии умумии бино бо истифода аз воситаҳои безараргардонӣ аз тарафи муассисаҳои махсусгардонидашуда гузаронида шавад.

31. Ҳангоми гузаронидани аттестатсияи ниҳоӣ, имтиҳонҳо дар муассисаҳои таълимӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) дар даромадгоҳи бино, бо истифода аз ҳароратсанҷҳои фосилавӣ (бидуни тамос) бо мақсади ошкор кардани нишонаҳои бемориҳои роҳҳои нафаскашӣ дар хонандагон ва кормандони муассиса ҳарорати бадани онҳо санҷида шаванд.

32. Дар даромадгоҳи бино ва толорҳои имтиҳонгирӣ зарфҳои дорои маҳлулҳои зиддиуфунӣ ва спиртдор барои безараргардонии дастҳо таъмин карда шавад.

33. Ҷадвали ҳузури хонандагон ва кормандони муассиса ҳангоми супоридани имтиҳон бо мақсади кам кардани

муоширати онҳо дар вақти ҳароратсанҷӣ тартиб дода шавад.

34 Дар ҷойҳои гузаронидани имтиҳонҳо масофаи мизу курсӣ бо риояи фосилаи иҷтимоии байни хонандагон бо тариқи хати мункасирӣ (ё амсоли ҳарфи “г”) аз ҳам ҷудо дар мизҳо (1 нафарӣ) бояд ҷойгир карда шаванд.

35. Таъмини синфхонаҳо бо таҷҳизоти безараргардонӣ, ки барои ҳузури хонандагон ва тарбиятгирандагон муқаррар гардидааст, пешбинӣ карда шавад.

36. Кормандоне, ки дар рафти муоина ва гузаронидани имтиҳонҳо иштирок мекунанд, бо воситаҳои муҳофизатии шахсӣ (ниқоб ва дастпӯшакҳо) таъмин карда шаванд.

37. Реҷаи таъмини оби нӯшокӣ бо истифода аз зарфҳои истеҳсолии саноатӣ, аз ҷумла тавассути кулер, хумдонҳо ва зарфҳои шишагии сарпӯшдор ба роҳ монда шуда, бо миқдори зарурии зарфҳои яккарата истифодашаванда таъмин карда шавад. Оби ҷӯшонидашуда ба сифати нӯшокӣ истифода бурдан тавсия дода мешавад.

38. Дар муассисаҳои таълимӣ талаботи санитарию гигиенӣ ва эпидемиологие, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурӣ муқаррар карда шудааст, риоя карда шавад.

## 3. ТАВСИЯҲО ДОИР БА БАЛАНД БАРДОШТАНИ ИТТИЛООТНОКИИ КОРМАНДОНИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ ОИД БА ПЕШГИРИИ БЕМОРИИ СИРОЯТИИ COVID-19

39. Дар коллективҳои омӯзгорон доир ба пешгирии бемории сироятии COVID-19 ва зарурати муроҷиати саривақтӣ ҳангоми пайдошавии нишонаҳои аввалини бемориҳои роҳҳои нафаскашӣ, корҳои фаҳмондадиҳии зерин аз ҷониби ташкилотҳои соҳаи тандурустӣ гузаронида шаванд:

- доир ба пешниҳоди маълумот дар бораи аломатҳои клиникии бемории сироятии COVID-19;

- дар бораи чораҳо ҳангоми ошкор намудани аломатҳои бемории сироятии COVID-19 дар хонандагон ва тарбиятгирандагон;

- дар бораи чораҳо ҳангоми муайян кардани нишонаҳои бемории сироятии COVID-19 дар ҷои кор;

- дар бораи чораҳои пешгирии бемории сироятии COVID-19, зарурати риояи қоидаҳои гигиенаи шахсӣ ва ҷамъиятӣ, речаи шӯстани дастҳо бо собун ё бо маводи зиддиуфунӣ дар давоми тамоми рӯзи корӣ ва пас аз ҳар як ташриф ба ҳоҷатхона;

- мувофиқи мақсад набудани банақшагирии таътил дар кишварҳое, ки аз бемории сироятии COVID-19 осебпазиранд;

- дар бораи қоидаҳои истифодабарии воситаҳои муҳофизатии инфиродӣ (аз ҷумла ниқобҳо ва дастпӯшакҳо);

- дар бораи телефонҳои «боварӣ» барои даъват кардани табибон ва гирифтани маслиҳати зарурӣ оид ба бемории мазкур;

- дар бораи вокуниш ва ҷавобгарӣ барои интишор ё паҳнкунии маълумоти бардурӯғ.

**МИНИСТЕРСТВО ЗДРАВООХРАНЕНИЯ И СОЦИАЛЬНОЙ ЗАЩИТЫ НАСЕЛЕНИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

734025, г. Душанбе, у. Шевченко, 69, Тел. (372) 221-18-35 Факс (372) 222-55-07

# РАСПОРЯЖЕНИЕ

от «04» 08 2020 года, №535 город Душанбе

## Об утверждении Порядка организации профилактических работ и рекомендаций по риску распространения инфекционного заболевания COVID-19 в образовательных учреждениях 190.010.090.

В соответствии со статьей 111 Кодекса здравоохранения Республики Таджикистан и с пунктом 10 Положения о Министерстве здравоохранения и социальной защиты населения Республики Таджикистан, утвержденного Правительством Республики Таджикистан от 3 марта 2014 года, №148, с целью принятия конкретных профилактических и противоэпидемических мер, а также индивидуальной защиты граждан в случае возникновения и распространения заболеваний, опасных для человека,

## РАСПОРЯЖАЮСЬ:

1. Утвердить Порядок организации профилактических работ и рекомендаций по риску распространения инфекционного заболевания COVID-19 в образовательных учреждениях (прилагается).

2. Руководителям структурных подразделений центрального аппарата, управлениям здравоохранения Горно-Бадахшанской автономной области, областей и города Душанбе, руководителям служб, а также другим руководителям организаций в области здравоохранения и социальной защиты населения обеспечить выполнение этих требований.

3. Службе государственного санитарно-эпидемиологического надзора:

- осуществлять строгий контроль за выполнением утвержденного порядка;
- настоящее распоряжение представить в установленном порядке в Министерство юстиции Республики Таджикистан для государственной регистрации;
- обеспечить доступность настоящего распоряжения подразделениям сферы здравоохранения и другим соответствующим министерствам и ведомствам.

4. Настоящее распоряжение ввести в действие после государственной регистрации и официального опубликования.

5. Государственному учреждению «Республиканский центр по формированию здорового образа жизни» проводить разъяснительные работы посредством средства массовой информации о содержание настоящего распоряжения.

6. Контроль за исполнением настоящего распоряжения возложить на первого заместителя и заместителей министра.

Министр Джамолиддин Абдуллозода

...ЗОРАТИ А... ...И
...ҶУМҲУРИИ ТОҶ...ИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТ...
...ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1029
«4» 08 с.20 20

Утверждено,
распоряжением министра
здравоохранения и социальной
защиты населения
Республики Таджикистан
от «04» 08 2020 года, № 585

# Порядок организации профилактических работ и рекомендаций по риску распространения инфекционного заболевания COVID-19 в образовательных учреждениях

## 1. ОБЩИЕ ПОЛОЖЕНИЯ

1. Порядок организации профилактических работ и рекомендаций по риску распространения инфекционного заболевания COVID-19 в образовательных учреждениях (далее-Порядок) определяет организацию профилактических работ и рекомендаций по риску распространения инфекционного заболевания COVID-19 в государственных и негосударственных образовательных учреждениях, независимо от форм собственности и административного подчинения в городах и районах страны.

2. Перед открытием и до начала работ в образовательных учреждениях, в соответствии с режимом контроля по отношению к вирусам, общая уборка и дезинфекция помещений должны проводиться с использованием дезинфицирующих средств и растворов. Руководство образовательного учреждения после окончания дезинфекционных работ уведомляет территориальный центр государственного санитарно-эпидемиологического надзора.

3. На основании соблюдения социального пространства (1,5 метр) в учебных классах, в зависимости от площади, учитывается расстановка столов и стульев (не менее 1 метра между ними).

4. Исключить объединение учеников и учащихся разных классов (групп) в одну дневную группу и не допускать формирования групп «вечернего дежурства».

5. В строгом порядке выделить один учебный класс с учетом организации предметной подготовки для каждого класса (группы).

6. Общение между учениками и воспитанниками разных классов (групп) во время перерывов и прогулок ограничить по мере возможности.

7. По имеющееся возможности сократить количество учеников и воспитанников в классе (группе). Приём учеников и воспитанников только осуществиться с медицинской справкой, выданной участковым педиатром.

8. Запретить проведение публичные мероприятия, без соблюдения социальной дистанции.

9. Руководству образовательных учреждений обеспечить организацию медицинского кабинета (с учётом медсестры или педиатра, лекарственные и дезинфекционные средства) в каждом образовательном учреждении.

10. На входе в здание должны быть установлены дезинфекционные барьеры, а на столе должны быть установлены ящики с дезинфицирующими растворами.

11. Организовать ежедневное проведение «утренние наблюдения или утренние осмотры» с обязательным тестированием температуры тела (желательно делать это без контакта), чтобы обнаружить признаки респираторных заболеваний у учащихся. Запретить вход родителей и лиц сопровождающие учащихся в образовательные учреждения. Во время проведения «утреннего наблюдения» не допустить, чтобы дети и их родители собирались вместе.

12. Пересмотреть график рабочего времени учебных заведений, включая расписание занятий, изменив время начала первого урока (занятия) для разных классов и изменив время перерыва, чтобы исключить контакт между ними.

13. Обеспечить немедленное разделение учеников и

воспитанников с признаками респираторных заболеваний до прибытия родителей или скорой медицинской помощи.

14. Учитывая погодные условия, по мере возможности необходимо как можно больше организовывать мероприятия на свежем воздухе с детьми. Желательно сократить количество занятий в тренажерном зале и использовать открытую спортивную площадку для занятий физкультурой.

15. Обеспечить проведения регулярных работ по обеззараживания помещений во время перерывов и по окончании работы (дезинфекция рабочих поверхностей, полов, дверных ручек, окна, перила и лестницы, комнаты в столовых, электробытовых приборов и кнопок, туалетов, краны и кран буксов, ручка туалетного бачка в туалетах и другие). Оборудование и дезинфицирующие средства следует использовать согласно с инструкциями производителя в соответствии с его концентрацией для вирусных инфекций.

16. Обеззараживание пространство помещений должно быть обеспечено устройствами для очистки воздуха (залы и коридоры в классных комнатах и классных комнатах после перерывов и в конце занятий). Для обеззараживания пространство помещений и воздуха вокруг месторасположения больного рекомендуется применить оборудования экранного или бактерицидного (лучами ультрафиолета) облучателя. Данное оборудование должно использоваться согласно требованиям его инструкции. При использовании таких оборудований должна обеспечивается хорошая циркуляция воздуха (не менее 10-15 минут).

17. Во время перерывов после завершения каждый учебный час в отсутствие учеников и воспитанников должна быть проветрится и вентилироваться классные комнат, коридоров, спортивных залов и комнаты для занятий.

18. Обеспечить необходимое наблюдение за учащимися по соблюдению мер проифилактики.

19. Для дистанционного обучения принять соответствующие меры.

20. Обрабатывать столы до и после еды, используя моющие и дезинфицирующие средства.

21. Подготовить экстренный план принятие мер при приостановление учебного процесса.

22. После каждого использования чайных и пищевых посуд их следует дезинфицировать в дезинфицирующем растворе, затем мыть и сушить. Организовать обработку пищевых принадлежности и посуды дезинфицирующими средствами согласно с инструкцией по применению или режиму потребления продуктов питания и напитков для детей с использованием одноразовых посуд.

23. Работники столовых учебных заведений всегда следует использовать средства индивидуальной защиты (маски и перчатки).

24. Режимы питьевого водоснабжения в учебных заведениях должны тщательно контролироваться. Особое внимание следует обратить на объем воды в специальных емкостях и кулерах, наличие одноразовых питьевых контейнеров.

25. Обеспечить регулярный доступ к туалетной бумаге и мылу в ванной и туалете для детей и персонала, а также установить антисептические средства для дезинфекции рук.

26. В санитарных узлах, туалетов, рукомойниках при отсутствии сети водопровода с резервуарами для воды и в случае централизованного водоснабжения для обеспечения водопроводных труб с кранами, для установки мыла и антисептических растворов.

27. Усилить разъяснительную работу учителей по вопросам гигиенического воспитания учащихся, воспитанников и их родителей. Соблюдение правил личной гигиены учащихся и персонала должно строго контролироваться персональным ответственным лицом назначенного руководством.

28. Ежедневная, бережная влажная уборка помещений, двукратная обработка всех поверхностей и полов должна обеспечиваться с применением дезинфицирующих средств.

29. Генеральная уборка должна проводиться не реже два раза в неделю.

## 2. РЕКОМЕНДАЦИИ К ПРОВЕДЕНИЮ ЭКЗАМЕНОВ И ИТОГОВОЙ АТТЕСТАЦИИ С ЦЕЛЬЮ ПРОФИЛАКТИКИ РАСПРОСТРАНЕНИЯ ИНФЕКЦИОННОГО ЗАБОЛЕВАНИЯ COVID-19

30. До и после окончания сезона обследования в соответствии с графиком антивирусного контроля общую уборку и дезинфекцию помещений следует проводить с использованием дезинфицирующих средств специализированными учреждениями.

31. Во время итоговой аттестации проводятся экзамены в учебных заведениях (общее среднее образование) на входе в здание с использованием промежуточных (бесконтактных) термометров для проверки температуры тела учащихся и персонала на предмет выявления признаков респираторных заболеваний.

32. Посуды с антисептическими и спиртовыми растворами следует размещать у входа зданий и экзаменационные залы.

33. Составить график посещаемости учеников и сотрудников во время экзамена, чтобы уменьшить их общение во время температурного теста.

34. В местах проведения экзаменов в расстояние столов и стульев соблюдать социальное расстояние между учащимися, следует размещать учащихся на столах (1 человек) отдельной строкой (или буквой «г»).

35. Обеспечить учебные классы дезинфекционным оборудованием, предназначенным для присутствия детей и учеников.

36. Сотрудникам, участвующим в осмотре и в проведении экзамены, должны быть предоставлены средства индивидуальной защиты (маски и перчатки).

37. Установить режим питьевого водоснабжения с использованием промышленных производственных контейнеров, в том числе кулеров, кувшинов и стеклянные посуды с крышками, и обеспечить необходимое количество одноразовых используемых посуд. Рекомендуется кипяченая вода для использования в качестве питья.

38. В образовательных учреждениях соблюдать санитарно-гигиенические и эпидемиологические требования, установленные действующими нормативными правовыми актами республики.

## 3. РЕКОМЕНДАЦИИ ПО ПОВЫШЕНИЮ ОСВЕДОМЛЕННОСТИ ПЕРСОНАЛА ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ О ПРОФИЛАКТИКЕ ИНФЕКЦИОННОЙ ЗАБОЛЕВАНИЙ COVID-19

39. Организациям сферы здравоохранения провести следующую разъяснительную работу в преподавательском коллективе по вопросам профилактики инфекционного заболевания COVID-19 и необходимости своевременного обращения при первых признаках респираторных заболеваний дыхательных путей:

- предоставление информации о клинических симптомах инфекционного заболевания COVID-19;
- о мерах по выявлению признаков инфекционного заболевания COVID-19 у учеников и воспитанников;
- о мерах по выявлению признаков инфекционного заболевания COVID-19 на рабочем месте;
- о мерах по профилактике инфекционного заболевания COVID-19, необходимости соблюдения правил личной и общественной гигиены, режима мытья рук с мылом или

антисептиком в течение всего рабочего дня и после каждого посещения туалета;

- нецелесообразность планирования отпусков в странах, уязвимых к инфекционного заболевания COVID-19;

- о правилах использования средств индивидуальной защиты (включая маски и перчатки);

- о «горячих линиях» звонить врачам и получать необходимые консультации по заболеванию;

- о реагирования и об ответственности за публикации и распространение недостоверной информации.

Мураттиб: Турсунов Р. А.

Ба матбаа 03. 08. 2020 супурда шуд.
Ба чопаш 10. 08. 2020 имзо шуд. Андозаи 60Х84 1/16.
1,25 чузъи чопӣ. Супориши № 194.
Адади нашр 1 000 нусха

734018, ш. Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16.
КВД КТН «Шарқи озод»-и Дастгоҳи иҷроияи
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон